Вазъи меъёрҳои забони адабии тоҷикӣ дар сурудҳои муосир

Ношир: Ҳайати тадорукот Санаи интишор: 18 Декабр, 2018 - 11:26
[1]

Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 6-уми декабри соли 2018 дар мавзӯи “Вазъи меъёрҳои забони адабии тоҷикӣ дар сурудҳои муосир” дар ҳамкорӣ бо Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сарояндагон вохӯрӣ баргузор намуд, ки дар он зиёда аз 60 нафар намояндагони вазорату идораҳо, сарояндагону ҳунармандон ва намояндагони воситаҳои ахбори омма иштирок доштанд.

Вохӯрии мазкур ба яке аз масъалаҳое, ки дар ташаккули фарҳангу санъати тоҷик муҳим арзёбӣ мегардад, яъне риоя ва танзими меъёрҳои забони адабӣ дар сурудҳои муосири тоҷик, бахшида шуда буд.

Ёдовар бояд шуд, ки вазъи матни суруди бархе аз сарояндагон аз ҷониби аҳли нишаст, алалхусус, Г. Шарофзода – раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, С. Назарзода – узви Ҳайати мушовараи Кумита, Камолиддинов Б. – устоди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Муҳтарам Ҳотам – адиб, узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ва дигарон мавриди муҳокима ва баррасӣ қарор гирифт.

Дар суханронӣ Г. Шарофзода – раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ёдовар шуданд, ки бо мусиқӣ хондани шеъру сурудҳо аз ҷониби сарояндагон бояд меъёрҳои забони адабӣ риоя шуда, ҳангоми хондани ашъори шоирон ҷаззобии сухани шоир ва меъёрҳои савтиёти забони адабии тоҷикӣ ба назар гирифта шавад.

Баҳодиҳии муҳтаво: 5

Баҳои миёна: 5 (2 овоз)

Rate

Категория:

- Гузоришҳо [2]
- Кумита [3]
- Мақолаҳо [4]
- Фаъолият [5]

-

-

-

-

-

Манбаъ::http://kumitaizabon.tj/tg/content/vazi-meyorkhoi-zaboni-adabii-tochiki-dar-surudkhoi-muosir?page=1

Пайвандҳо
[1] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/field/image/1_3.jpg [2] http://kumitaizabon.tj/tg/category/%D0%B3%D1%83%D0%B7%D0%BE%D1%80%D0%B8%D1%88%D2%B3%D0%BE [3] http://kumitaizabon.tj/tg/category/%D0%BA%D1%83%D0%BC%D0%B8%D1%82%D0%B0 [4] http://kumitaizabon.tj/tg/category/%D0%BC%D0%B0%D2%9B%D0%BE%D0%BB%D0%B0%D2%B3%D0%BE [5] http://kumitaizabon.tj/tg/category/%D1%84%D0%B0%D1%8A%D0%BE%D0%BB%D0%B8%D1%8F%D1%82 [6] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/1_3.jpg [7] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/2_3.jpg [8] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/3_4.jpg [9] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/4_3.jpg [10] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/5_2.jpg